**Суратҷаласаи**

маҷлиси якҷояи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 27 июни соли 2022 №5

**Иштирок доштанд:**

1. Наимов З.Ҷ. – н.и.п., мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ (раиси ҷаласа);
2. Қаюмова Ҳ. – н.и.п., мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети таҳсилоти томактабӣ
3. Маҷидова Б. – д.и.п., профессор (роҳбари илмӣ);
4. Самиев Т.– н.и.п., дотсент;
5. Арбобова Ф. – н.и.п., муаллимаи калон (котиб);
6. Шукурова Н.О. – н.и.п., дотсент;
7. Фозилов С. – н.и.п., дотсент;
8. Қурбонова Г. - н.и.п., муаллимаи калон;
9. Қурбонова З. – н.и.п., дотсент;
10. Бобиева С. - муаллимаи калон;
11. Азизова Ф. - муаллимаи калон;
12. Ҳабибова О. - муаллимаи калон;
13. Маҳмадқулова О. - муаллимаи калон;
14. Хоҷаева Г. - муаллимаи калон;
15. Бегова Ф. – ассистенти кафедра;
16. Ёров А.Б - диссертант.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

**1.** Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович дар мавзӯи «Истифодабарии технологияи иттилоот-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06.01- Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ

**Раискунанда:** Ҳозирини гиромӣ! Дар ҷаласаи имрӯза муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯ «Истифодабарии технологияи иттилоот-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06.01- Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ

Соли 2013 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ-ро бо ихтисоси информатик, Магистратураро бо дипломи аъло хатм кардааст. Магистратураи ПсковГУ Федератсияи Руссияро низ бо ихтисоси “таҳсилоти электронии фосилавӣ” хатм кардааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ – Маҷидова Бибиҳафиза, д.и.п., профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир таъин гардидааст.

Муқарризони холис номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика умумӣ ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Ҷамила Мансурова ва номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети таҳсилоти томактабии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Г.Қурбонова мебошанд.

Сухан барои баён намудани мазмуни мухтасари рисола ба унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович дода мешавад.

**Шунида шуд:** Унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович иштирокчиёнро бо мазмуни асосии рисолаи худ шинос намуд. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар **муқаддима** мубрамият, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

Дар боби аввал “Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ” зарурияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ҳамчун яке аз воситаҳои арзишманди раванди кори таълиму тарбиявӣ тавсиф ёфта, пайдоиш ва рушди он таҳаввулоти бузург арзёбӣ гардидааст.

Дар таҳқиқотҳои олимон А. Билан, И Ковал, Е. Махеев, О, Пенасик атрофи илми технологияи иттилоотӣ-иртиботҳои баҳс баргузор гардида онҳо андеша доранд, ки маҳфумҳои "иттилоот" ва "дониш" айниятан як маъно тавзеҳ дода шуда, ибораҳои иттилоот-объективӣ ва дониш субективӣ нисбат дода шудаанд. Л.М. Лузина бошад технологияи иттилоотӣ-иртиботиро чун маҷмӯи василаҳо ва усулҳои табдили

маълумот барои гирифтани иттилоти нисбатан нав эътироф шудааст.

Дар асри технологияҳои муосири электронӣ, ки он бо суръати тез инкишоф меёбад, мавриди таҳлилу истифодабарии хурду бузургсол мегардад дар фаъолияти таҳсилотии кӯдакон низ мавриди истифодабарӣ қарор гирифтааст. Айёми кӯдакӣ, ки он аз тарафи олимон (Д.Б Элконин) давраи махсуси фарҳангӣ-таърихӣ, давраи махсуси ҳастии инсон (Д.Б. Фелдистип), асли нотакрор ва дорои рисолаи махсус (Ш.А. Аманошвили) давраи чун гуя ба чаман ҳавола будан (Н. Ганҷавӣ) арзёби гардидааст, аз таъсири технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дур монда наметавонад. Дар ҷомеаи муосир аз ихтироъ гардидани телеграф, дастгоҳҳои сабтгарой, камераҳои нусхабардорӣ, радио, телевизион, мошинаҳои ҳисоббаро бо компютер, тахтаи электронӣ, проектор, сканер, чопгар, технологияҳои биометрикӣ, телефонҳои мобилӣ, планшет ва истифодабарии онҳо дар муассисаҳои таҳсилотӣ, ки яке аз воситаҳои омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониш рушд додани қобилиятҳои ақлию зеҳнӣ ва эҷодкории кудакон гардидааст.

Дар муассисаҳои таҳсилотии Тоҷикистон воридшавии ТИИ дар асоси татбиқи “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” пайгирӣ карда шуда истодааст.

**Дар боби дуввум** “Таҳқиқи амалияи тадбиқи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон” вазъи истифодабарии технологияи муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар асоси он роҳу усулҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ таъмин карда мешаванд.

Иттилоотикунонии муассисаҳои таълимӣ бо гирифтани таҳсилоти босифат мусоидат менамояд ва он бояд сиёсати ягонаи илмӣ-техникӣ ва саноатии кишварро таъмин гардонад. Истифодабарии ТИИ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон ва талаботҳои барномавӣ-методии давлатӣ, психологӣ-педагогӣ ва бехатарии саломатии равонию ҷисмонии онҳо ба роҳ монда мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии раванди кор дар самти баландбардории самаранокии таълим ва тарбия бо истифодаи

технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар муассисаи томактабӣ ва оила истифода гардида, инчунин мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология, ва қарор гирад.

**Мундаричаи асосии диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф инъикос ёфтаанд:**

[1.А] Ёров А.Б. Нақши технологияҳои навини иттилоотиву иртиботӣ дар рушди низоми маориф// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2018. №1.-С.102-104.

[2.А] Ёров А.Б. Заминаҳои педагогӣ-психологии истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар таълими кӯдакони синни томактабӣ// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -2020. №2 (2).-С.78-83.

[3.А] Ёров А.Б. Аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба кӯдакони хурдсол// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -2020. №1 (1).-С.155-160.

[4.А] Ёров А.Б. Истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими муассисаҳои томактабӣ// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-2021. №1 (1).-С.155-160.

[5.М] Ёров А.Б. Масъалаи истифодаи технологияи иттилоотӣ-мртиботӣ дар Паёмҳои сарвари кишвар // Китоби даврии Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XXX. "Истеъдод".-Душанбе 2019.-С 328-334.

[6.М] Ёров А.Б. Назария ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар машғулиятҳои таълимии муассисаҳои томактабӣ // Мавод аз конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ бахшида ба 50 солаигии кафедраи Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ "Таҳсилоти томактабӣ: таҷриба, анъана ва навгониҳо"-Душанбе 2019.-С 55-60.

[7.М] Ёров А.Б. Баландбардории сатҳи таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ бо истифодаи технологияҳои компютери // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 70-солагии номзади илми физика-математика Ҳамидов Баҳриддин-Душанбе 2020.-С 32-34.

[8.М] Ёров А.Б. Нақши технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар ташаккули шавқу ҳаваси маърифатии кӯдакони синни калони томактабӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Рушди таҳсилоти томактабӣ дар 30 соли Истиқлолият"-Душанбе 2021.-С 52-56 (дар ҳаммуалифӣ).

[9.М] Ёров А.Б. Телефони мобилӣ ва таъсири он ба рушди психикии наврасон // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Рушди таҳсилоти томактабӣ дар 30 соли Истиқлолият". Душанбе. - 2021. - С 43-47. (дар ҳаммуалифӣ)

Натиҷаи озмоиши таҳқиқотӣ оид ба истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар ташаккули шавқу ҳаваси маърифатии кӯдакони синни калони томактабӣ якчанд маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва факултети таҳсилоти томактабӣ, конфронсҳои илмӣ-амалии минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинар ва тренингҳо баррасӣ ва ироа шудаанд.

**Дар хулоса** натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст ва хулосаҳои асосӣ пешниҳод гардидааст. Мундариҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Дар ҷараёни муҳокимаи диссертатсия саволҳои зерин дода шуданд:**

**Шукурова Н.О.** – номзади илмҳои педагогӣ.

**Савол:** Навгониҳои илмии таҳқиқоти худро номбар намоед?

**Ҷавоб:** Навоварии илмии кор аз таҳқиқи мазмуни «асосҳои тарзи ҳаёти солим», ки омилҳои нигоҳдорӣ ва мустаҳкам намудани саломатӣ, мавҷудияти одатҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни томактабӣ мебошад, инчунин фаҳмидани вобастагии саломатии шахс аз вазъи муҳити зист иборат мебошад. Дар ин самт модели ҳамкории педагогӣ «кӯдак - падару модар - мураббӣ» дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим коркард ва мавриди озмоиш қарор ёфта, шароитҳои педагогӣ барои ташаккули бомуваффақияти асосҳои тарзи ҳаёти солим дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила таъмин гардиданд.

**Қурбонова З.** - номзади илмҳои педагогӣ.

**Савол**: Мақсади таҳқиқоти шумо дар чӣ зоҳир меёбад?

Ҷавоб: Мақсади тадқиқот асосан аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани технологияи педагогии ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар раванди ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим ва санҷиши таҷрибавии ин технология дар амалия иборат мебошад.

Сухан ба роҳбари илмӣ Маҷидова Б – доктори илмҳои педагогӣ, профессор дода мешавад (хулоса замима мегардад).

**Сухан ба муқарризони кори диссертатсионӣ:** дар баромади худ муқарризони кори диссертатсионӣ Ҷамила Мансурова ва номзади илмҳои педагогӣ дотсенти кафедраи педагогикаи умумӣ ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; Қурбонова Г.– номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии факултети таҳсилоти томактабии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар маҷмӯъ корро анҷомёфта ҳисобида, баъди анҷоми ислоҳи тағйиротҳои ҷузъӣ ба ҳимоя пешниҳод намуданд (тақризҳои муқарризон замима мегардад).

Дар асоси баромади унвонҷӯ, муқарризон ва қабули хулоса оид ба диссертатсия ҷаласа

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович дар мавзуи «Истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ.мутобиқат мекунад.
2. Ба диссертант Ёров Акмал супорида дода шавад, ки дар дар муҳлати муайян ҳамаи пешниҳоди муқарризонро мавриди баррасӣ қарор дода, тағироту иловаҳоро ба рисола ворид созад.
3. Дар маҷмӯъ кор анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дифоъ ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд - 16 нафар.
Қарор бо як овоз қабул шуд.
«Тарафдор» -16 нафар.
«Зид»- нест.
«Бетараф»-нест.

Мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
н.и.п., дотсент ____________ Наимов Зариф Ҷомиевич

Мудири кафедраи назария ва методикаи
тарбияи томактабии факултети
таҳсилоти томактабӣ, н.и.п. ____________ Каюмова Ҳуриниқо

Котиби ҷалдаса, н.и.п. ____________ Арбобова Фарогат

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ,121.
тел.мобилӣ: 918657194, суроғаи электронӣ: naimov_z@mail.ru
Сомонаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ: www.tqpu.tj. Тел.:2241383

Имзои З. Наимов, Ҳ. Каюмова ва Ф. Арбобоваро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ
____________ А.Мустафозода